# ХУЛОСАИ КОМИССИЯИ ЭКСПЕРТИИ

шурои якдафъаинаи диссертатсионии 6D.КОА-057 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Институти геология, сохтмони ба заминҷунбӣ тобовар ва сейсмологияи АМИТ ба диссертатсияи Каримӣ Мадина Давронзода (Каримова Мадина Давроновна) дар мавзуи "Хусусиятҳои ташкили туризми экологӣ дар ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшавандаи вилояти Суғд ва таъсири он ба устувории геоэкологӣ" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D091100 – Геоэкология ва идоракунии истифодабарии табиат (6D091101.02 – Соҳаи илмҳои география)

Комиссияи экспертӣ оид ба ташкили ҳимояи якдафъаина (фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25.04.2025, №161/ҳя) дар ҳайати раиси комиссия – доктори илмҳои геология ва минералогия, и.в. профессор Ғафуров Фарҳод Гиясович ва аъзои комиссия номзади илмҳои геология ва минералогия Саидраҳмонзода Саидҷон Саидбурҳон, номзади илмҳои география, дотсент Қаландаров Аҳрор Аҳмадович, ки бо қарори шурои диссертатсионии 6D.КОА-057 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Институти геология, сохтмони ба заминҷунбӣ тобовар ва сейсмологияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон аз 29-уми августи соли 2025, протоколи №12 таъсис дода шудааст, диссертатсияи Каримӣ Мадина Давронзода дар мавзуи "Хусусиятҳои ташкили туризми экологӣ дар ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшавандаи вилояти Суғд ва таъсири он ба устувории геоэкологӣ" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D091100 – Геоэкология ва идоракунии истифодабарии табиат (6D091101.02 – Соҳаи илмҳои география) баррасӣ намуда, дар заминаи шиносоӣ, омӯзиш ва таҳлили маълумотҳои диссертатсия ва автореферат овардашуда чунин хулосагирӣ менамояд:

Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар доираи амалишавии "Стратегияи рушди туризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030", ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1-уми августи соли 2018, №372 қабул шудааст, гузаронида шудааст. Мавзуи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки Барномаи рушди илм, техника ва технология дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми сентябри соли 2020, №503 тасдиқ гардидааст, мувофиқ мебошад.

Дар оғози асри XXI саҳми бахши туризм дар маҷмӯи маҳсулоти дохилаи давлатҳои ҷаҳон то се маротиба афзудааст ва саҳми он дар сармоягузории иқтисод то 12 фоиз ва истеҳсоли маҳсулот то 10 фоизро ташкил медиҳад. Алалхусус, намуди нави туризм – туризми экологӣ (ecotourism), ки моҳияти он қонеъгардонии талаботи шаҳрванд ба табиати солим мебошад, рӯ ба рушд ниҳодааст.

Афзоиши босуръати талабот ба туризми экологӣ (ТЭ) зарурати ҷустуҷӯйи минтақаҳои мувофиқро барои таъмини рақобатпазирӣ ва самаранокии соҳа ба миён гузошт, ки ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда (ҲТММ) минтақаи мувофиқи мақсади мазкур дониста мешавад ва барои рушди ТЭ

заминаи боэътимод мебошад. Рушди ТЭ дар навбати худ ба ташаккул ва такомули системаи ҲТММ – мамнуъгоҳҳо, парваришгоҳҳои табиӣ, боғҳои миллӣ, ёдгориҳои табиӣ, геологӣ, геоморфологӣ ва ландшафтӣ алоқаманд буда, дар ин раванд зарурати таҳия ва коркарди стратегияи алтернативии рушди ҲТММ ва аниқ намудани мавқеи ТЭ - ро дар онҳо тақозо менамояд. Алҳол, дар сатҳи ҷаҳон ҷанбаҳои мухталифи рушди ТЭ дар ҲТММ, алалхусус объекти мушаххаси табиӣ мавриди таҳқиқи ҳамаҷониба қарор нагирифтаанд ва ба таҳқиқоти хоса ниёз доранд.

Натиҷабардории васеъ аз шароити табиӣ-географии ҲТММ дар қисмати шимолии қаторкӯҳи Туркистон ва дурнамои он дар нигоҳдории гуногунии геоэкологӣ ва таҳияи харитаҳои нави экологию геоэкологӣ ва хатсайрҳо ҷиҳати рушди ТЭ дар ҲТММ-и шимоли Тоҷикистон асоснок карда шудааст.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Баҳри таъмини мақсадҳои гузошташуда ҳаллу фасли ҳадафҳои таҳқиқотии зерин муқаррар карда шудаанд:

1. Омӯзиш ва таҳлили адабиётҳои илмӣ, ҳисоботҳои оморӣ доир ба ташкили ТЭ дар ҲТММ ва таъсири он ба устувории геоэкологии маҳал;
2. Гузаронидани таҳқиқотҳои саҳрой тавассути экспедитсияҳои комплексии илмӣ, ҷамъоварии мавод ва таҳлили он;
3. Таҳқиқи шароити табиӣ-геоэкологии ҲТММ-и вилояти Суғд, гурӯҳбандии намудии маҷмӯи захираҳои табиии ҳудуди парваришгоҳи “Дараи Сабз”;
4. Аниқ кардани омилҳои асосии ташкил ва рушди ТЭ ва хусусиятҳои тағйирёбии онҳо дар ҳудуди парваришгоҳи “Дараи Сабз”;
5. Таҳияи харитаҳо, хатсайрҳои ТЭ дар ҳудуди парваришгоҳи “Дараи Сабз” бо тавсифот ва тавзеҳоти мушаххас;
6. Муайян кардани омилҳои таъминкунандаи устувории геоэкологии ҲТММ дар асоси ташкили ТЭ дар онҳо.

**Навгонии илмии таҳқиқот.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ бори нахуст дар сатҳи ҲТММ-и мушаххас гузаронида шудааст:

– таҳқиқи маҷмаавии шароит ва захираҳои табиӣ-геоэкологии ҲТММ-и вилояти Суғд ҳамчун объекти табиӣ ва туристӣ;
– арзёбии имкониятҳо, иқтидори ташкил ва рушди ТЭ дар заминаи захираҳои табиӣ-геоэкологии ҲТММ-и вилояти Суғд;
– таҳияи харитаҳои геоэкологӣ, рекреатсионӣ ва хатсайрҳои туристӣ дар ҲТММ (парваришгоҳи “Дараи Сабз”);
– омӯзиши таъсири бевосита ва мутақобилаи ТЭ ба муҳити геоэкологии ҲТММ.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

1. Муайянсозии сохтор, ҳолат ва хусусиятҳои ҲТММ-и вилояти Суғд таъмини рушд ва истифодаи оқилонаи иқтидори туристӣ-рекреатсионии мавҷударо имконпазир мегардонад.
2. Истифодаи ҲТММ-и вилояти Суғд дар заминаи асосҳои илмӣ дар мисоли парваришгоҳи “Дараи Сабз” ҳадафи маҳдуд кардани таъсироти манфӣ ба муҳити зистро доро аст.

3. Омӯзиши таъсири ТЭ ба устувории геоэкологии маҳал имконияти муайянсозии сатҳи муътадили таъсир ба муҳити зисти ҳудуди парваришгоҳи “Дараи Сабз”-ро муҳайё менамояд.

4. Таҳияи тавсияҳои мушаххас ҷиҳати рушди ТЭ дар ҲТММ-и вилояти Суғд имконият медиҳанд, ки захираҳои геоэкологӣ ҳифз карда шаванд.

**Мавзуи кори диссертатсионӣ ба шиносномаи тахассуси илмӣ** асоснок буда, таҳқиқоти диссертатсионӣ ба талаботи бандҳои зерини шиносномаи тахассуси 6D091100 – Геоэкология ва идоракунии истифодабарии табиат (6D091101.02 – Соҳаи илмҳои география) мутобиқат менамояд:

1.10. Коркарди асосҳои илмии истифодаи самаранок ва ҳифзи захираҳои об, ҳаво, хок, рекреатсионӣ, маъданӣ ва энергетикии Замин;

1.16. Ҷанбаҳои геоэкологии рушди устувори минтақаҳо;

1.17. Арзёбии геоэкологии ҳудудҳо. Усулҳои муосири харитасозии геоэкологӣ, системаҳои иттилоотӣ дар геоэкология.

Диссертатсия ба талаботи банди 61 Низомномаи шурои диссертатсионӣ мутобиқ буда, дар кафедраи геоэкология ва методикаи таълими Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” иҷро гардидааст. Диссертатсия дар кафедраи мазкур муҳокима ва барои ҳимоя дар шурои муштараки диссертатсионии 6D.КОА-057 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Институти геология, сохтмони ба заминҷунбӣ тобовар ва сейсмологияи АМИТ тавсия дода шудааст.

Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31, 33 ва 34 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 ва қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023, №295 “Дар бораи тағйиру иловаҳо ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267” тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

Муҳтавои диссертатсияи пешниҳодшуда яке аз самтҳои таҳқиқшаванда дар соҳаи геоэкология ва идоракунии истифодабарии табиат ба шумор меравад, ки он бо забони давлатӣ омода ва таҳия гардидааст.

**Натиҷаҳои асосии таҳқиқот** дар 24 мақолаи илмӣ бо ҳаҷми 8,78 ҷузъи чопӣ, аз ҷумла 4 мақола дар маҷаллаҳои илмии дар феҳристи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон воридбуда, ба табъ расонида шудаанд. Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои муаллиф инъикоси худро ёфтаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 34 ва 35-уми Тартиби додани дараҷаи илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми июни соли 2023, таҳти №295) мувофиқ мебошад.

Дар диссертатсияи Каримӣ Мадина Давронзода истифодаи мавод бидуни иқтибос ба муаллиф ё маъхаз мавҷуд набуда, ҳамаи сарчашмаҳои истифодашуда бо ишора ба муаллиф ё маъхаз тавассути иқтибос ба расмият даровarda шудаанд, ки аз риоя шудани талаботи банди 37-и Тартиби додани дараҷаи илмӣ гувоҳӣ медиҳад.

Асолати матни автореферати диссертатсия 89,36% ва диссертатсия 85,12% аз ҳаҷми умумии корро ифода мекунад, ки бо маълумотнома тасдиқ карда шудааст. Иқтибосҳо ба расмият даровarda шудаанд.

Дар диссертатсия ва дигар ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи Каримӣ М.Д. маълумоти носаҳеҳ, аз ҷумла дар корҳои аз тарафи докторант чопнагардида мавҷуд нест.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо** дар таҳлили ҳамаҷонибаи адабиёти соҳавӣ, истифодаи усулҳои муосири таҳқиқоти саҳроӣ ва лабораторӣ, тасвиби натиҷаҳо дар ҳамоишҳои байналмилалӣ, минтақавӣ ва ҷумҳуриявии илмӣ, интишори онҳо дар маҷаллаҳои илмии дар феҳристи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон воридбуда, тасдиқ мешавад.

Комиссияи экспертӣ диссертатсияи Каримӣ Мадина Давронзода дар мавзуи "Хусусиятҳои ташкили туризми экологӣ дар ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшавандаи вилояти Суғд ва таъсири он ба устувории геоэкологӣ" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D091100 – Геоэкология ва идоракунии истифодабарии табиат (6D091101.02 – Соҳаи илмҳои география)-ро баррасӣ намуда, дар асоси банди 60 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ

**ҚАРОР КАРД:**

1. Ба мавзуи унвонии рисолаи диссертатсионӣ пас аз вожаи "...Суғд" дар қавс ибораи "Дараи Сабз" илова ва калимаи "туризм"-и мавзуъ ба "сайёҳӣ" иваз карда шавад. Мавзуи номи ислоҳии диссертатсия "Хусусиятҳои ташкили сайёҳии экологӣ дар ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшавандаи вилояти Суғд (Дараи Сабз) ва таъсири он ба устувории геоэкологӣ" қабул карда шавад;

2. Диссертатсияи Каримӣ Мадина Давронзода дар мавзуи "Хусусиятҳои ташкили туризми экологӣ дар ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшавандаи вилояти Суғд ва таъсири он ба устувории геоэкологӣ" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D091100 – Геоэкология ва идоракунии истифодабарии табиат (6D091101.02 – Соҳаи илмҳои география) ба ҳимоя пешниҳод карда шавад.

3. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқотиашон ба ихтисоси 6D091100 – Геоэкология ва идоракунии истифодабарии табиат (6D091101.02 – Соҳаи илмҳои география) мувофиқат мекунанд, ба ҳайси **муқарризони расмӣ** пешниҳод менамояд:

– Мамадризохонов Акбар Алихонович – доктори илмҳои биология, профессори кафедраи география ва сайёҳии Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи Моёншо Назаршоев,

– Диловаров Раҳматшо Диловарович – номзади илмҳои география, дотсенти кафедраи географияи иқтисодӣ ва иҷтимоии Муассисаи давлатии таълимии "Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ".

4. Ба сифати **муассисаи пешбар** Муассисаи давлатии таълимии "Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ" тавсия дода шавад.

5. *Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимояи диссертатсия дар* сомонаҳои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (www.tnu.tj) ва Институти

геология, сохтмони ба заминҷунбӣ тобовар ва сейсмологияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (www.igees.tj) ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (www.vak.tj) розигӣ дода шавад.

6. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис (100 адад) ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои муқарраршуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои геология ва минералогия,
иҷрокунандаи вазифаи профессор,
аъзои шурои диссертатсионӣ — Ғафуров Ф.Г.

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**
номзади илмҳои геология ва минералогия,
аъзои шурои диссертатсионӣ — Саидраҳмонзода С.С.

номзади илмҳои география, дотсенти
кафедраи географияи иқтисодӣ ва
экологияи МД "Донишгоҳи байналмилалии
сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон" — Қаландаров А.А.

**Имзои** Ф.Г. Ғафуровро тасдиқ мекунам:
нозири калони шуъбаи
кадрҳои ИГСЗТС-и АМИТ — Юсупова З.Х.

*Суроға: 734063, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Айнӣ 267*
*E-mail: igees_asrt@mail.ru, телефон: +(992) 37 225-77-69*

**Имзои** С.С. Саидраҳмонзодаро тасдиқ мекунам:
мудири бахши кор бо кадрҳои Вазорати саноат
ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон — Абдураҳимзода Б.А.

*Суроға: 734012, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Бохтар 37*
*E-mail: info@sanoat.tj, телефон: +(992) 37 221-52-59*

**Имзои** А.А. Қаландаровро тасдиқ мекунам:
сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
МД "Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ
ва соҳибкории Тоҷикистон" — Ҷӯраев Ш.Н.

*734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Борбад, 48/5*
*E-mail: info@iutet.tj, телефон: +(992) 37 234-88-02*

"19" 09 2025 с.